**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи дастовардҳое мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аммо бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ба таври пурра фаъолият накарда истодааст.

Ба ҳамаи мушкилотҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди Оиннома, Дастури Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода ва қабул гардидаанд.

Новобаста аз мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муаллиф қайд менамояд, ки ҳоло ҳам оид ба масъалаҳои доираи созишномаи арбитражӣ ҳангоми баррасии баҳс дар арбитраж, шартҳо ва унсурҳои ҳатмии он чи аз ҷиҳати назариявӣ дар байни олимон ва чи дар амалия дар байни мутахассисон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ин ҳолат ба фаъолияти институти арбитраж ва такмил додани ин соҳа таъсири манфӣ мерасонад. Тағйиру иловаҳо ба Қонуни ЮНСИТРАЛ соли 2006 низ дар бораи ҷанбаҳои муҳимми созишномаи арбитражӣ возеҳияти кофӣ надоданд, баръакс, дар баъзе мавридҳо мушкилоти бастани созишномаи арбитражӣ ва ҳадди татбиқи онро шадидтар карданд. Дар қонунгузории ҶТ низ, оид ба ҳадди татбиқи созишномаи арбитражӣ, шарту муқаррароти он номутобиқатӣ ва норавшаниҳо ҷой доранд, ки омӯзиши минбаъдаи таҳқиқот ва такмили онҳоро тақозо менамояд. Мушкилоти ҳуқуқии зикргардида ва татбиқи амалии институти созишномаи арбитражӣ, аҳамияти ин мавзӯъро пешакӣ муайян менамоянд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар байни ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ созишномаи арбитражӣ нақши муҳимро мебозад. Маҳз созишномаи арбитражӣ замина ва асоси ягонаи баррасии баҳс дар арбитраж маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло бо низом таҳия гардида, дар он институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун низоми томи мураккаб, инкишофёбанда ва худтанзимшаванда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳоди дар диссертатсия дарҷгардида, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба институти созишномаи арбитражӣ тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои

омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Гарчанде мавзуи таҳқиқшаванда ва ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда бошанд ҳам, аммо созишномаи арбитражӣ дар алоҳидагӣ ва ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Дар умум худи арбитраж дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, ҳоло институтҳои он на дар назария ва на дар таҷриба мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудаанд.

Ба андешаи мо мақсади таҳқиқот баррасии институти созишномаи арбитражӣ, ҳадди он, муайян кардани унсурҳои ҳатмӣ ва таъсири он ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, инчунин муайян намудани проблемаҳои назариявию амалии созишномаи арбитражӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таҳқиқот асосҳои методологии рисола ҷойи махсус ва муайянкунандаро ишғол намудаанд. Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз қабили таҳлили диалектикӣ, систематикӣ, муқоиса ва шабоҳат, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ташкил медиҳанд. Бо ёрии усули меъёрию расмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мақсади омӯзиш, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, назария ва амалияи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ ошкор карда шудаанд. Аз нуқтаи назари усули диалектикии ҷаҳонбинӣ мафҳуми институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шуда, унсурҳои созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж возеҳ гардида, робитаи байни эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ ва созишномаи арбитражӣ низ ошкор карда шудаанд.

Хусусияти муайянкунандаи ин таҳқиқот дар он аст, ки дар он бори аввал проблемаҳои мубрами институти созишномаи арбитражӣ аз нуқтаи назари қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ баррасӣ шудаанд. Дар

таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррароти қонунгузорӣ ва нақши созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таҳлил гардидааст.

Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳоде, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба таҳқиқоти танзими ҳуқуқии институти созишномаи арбитражӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва дурнамое, ки ҳангоми таҳқиқи диссертатсия анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳамияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ вобаста ба институти созишномаи арбитражӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад. Истифодаи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ метавонад ба ташаккул ва рушди институти созишномаи арбитражӣ мусоидат намояд.

Доир ба мавзуи рисола ва моҳияти он муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тақризшаванда ва 2 адади он дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

Дар баробари муваффақиятҳои назарраси илмӣ, баъзе аз масъалаҳое дар автореферати диссертатсия ба назар мерасанд, ки хусусияти баҳснок доранд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар нуктаи ҳафтуми ба ҳимоя

пешниҳоднамудаи худ қайд менамояд, ки «яке аз қисмҳои муҳими созишномаи арбитражӣ ин муайян намудани ҳуқуқи татабиқшаванда мебошад» (саҳ. 12). Аввалан, таҳқиқбаранда вожаи «татабиқшаванда»-ро ғалат навиштааст, ки шакли дурусти он «татбиқшаванда» мебошад. Баъдан, муаллиф бо як ҷумла нуктаи ба ҳимоя пешниҳоднамудаи худро манзур карда, «ҳуқуқи татбиқшаванда»-ро дар созишномаи арбитражӣ кушода надодааст. Бо ин мақсад, зимни ҳимояи рисолаи илмӣ мехостам назари муҳаққиқро доир ба ин масъала фаҳмида бошам.

2. Диссертант дар нуктаи даҳуми ба ҳимоя пешниҳодкардаи худ ишора менамояд, ки «...судҳои иқтисодӣ ду вазифаро иҷро менамоянд: назоратӣ ва ёрирасон. Вазифаи назоратии судҳои иқтисодӣ дар он аст, ки онҳо иҷрои ҳалномаи арбитражиро таъмин намуда, ҳуқуқ доранд ба баррасии парвандаҳои арбитражӣ дахолат намоянд» (саҳ. 12). Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки судҳои иқтисодӣ имконияти таъсир расонидан ба баррасии парвандаҳои арбитражиро доро будаанд. Агар чунин аст, пас принсипи мустақили фаъолияти судҳо магар ба судҳои арбитражӣ татбиқ намегардад. Мехостам муаллифи рисолаи илмӣ зимни ҳимояи рисола ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҳадди имконпазирии татбиқи принсипи мустақилияти фаъолияти судҳоро дар фаъолияти судҳои арбитражӣ муайян менамуд.

Албатта, масъалаҳои матраҳшуда ба мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ таъсири манфӣ ворид намекунанд, балки шаҳодат аз мубрамияти он менамоянд.

Умуман, диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди муносибатҳои созишномаи арбитражӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки дар натиҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Муаллифи диссертатсия Абдуллозода Зебонисо Файзулло бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф.

Имзои Н.Ф. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.
03.01.2025

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru